**“ТАСДИҚ МЕНАМОЯМ”**

Ректори Муассисаи давлатии таълимии “Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б. Ғафуров” доктори илмҳои таърих, профессор

________________Усмонзода А.И.

31.08. 2023с.

# ХУЛОСАИ

МУАССИСАИ ДАВЛАТИИ ТАЪЛИМИИ “ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ХУҶАНД БА НОМИ АКАДЕМИК БОБОҶОН ҒАФУРОВ”

ба рисолаи номзадии Каримӣ Шаҳноз Аъзамҷон дар мавзӯи “Муносибати ангезандагӣ ба такмили ихтисоси омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ дар низоми муосири маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон”, барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.08- Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ (13.00.08.04-Назария ва методикаи фанҳои гуманитарӣ) .

Диссертатсияи Каримӣ Шаҳноз Аъзамҷон дар мавзӯи “Муносибати ангезандагӣ ба такмили ихтисоси омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ дар низоми муосири маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон” дар кафедраи педагогикаи иҷтимоӣ ва касбии Муассисаи давлатии таълимии “Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров” ба анҷом расидааст.

Дар давраи омодагӣ ба таълифи рисола Каримӣ Ш.А. ба сифати мудири кафедраи методикаи таълим дар муассисаҳои томактабӣ ва миёнаи умумии филиали Муассисаи давлатии “Донишкадаи ҷумҳуриявии такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф” дар вилояти Суғд ва унвонҷӯи кафедраи педагогикаи иҷтимоӣ ва касбии Муассисаи давлатии таълимии “Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров” фаъолият бурдааст.

Соли 1990 факултети педагогии Муассисаи давлатии таълимии “Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров”-ро бо ихтисоси муаллимаи синфҳои ибтидоӣ хатм намудааст.

Шаҳодатнома дар бораи супоридани имтиҳонҳои номзадӣ ба Каримӣ Ш.А. аз ҷониби Муассисаи давлатии таълимии “Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров” соли 2020 дода шудааст.

Ба сифати роҳбари илмии унвонҷӯй Каримова Ирина Холовна-доктори илмҳои педагогӣ, профессор, ноиби Президенти Академияи таҳсилоти Тоҷикистон тайин шудааст.

**Аз натиҷаи муҳокимаи рисола чунин қарор қабул карда шуд:**

Мавзӯи мазкур ба яке аз самтҳои афзалиятноки такмили ихтисоси омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ дар шароити имрӯзаи рушди низоми маорифи мамлакат нигаронида шудааст.

Борҳо собит гардидааст, ки сатҳи дараҷаи омодагии омӯзгори синфҳои ибтидоӣ ба пуррагӣ аз худтакмилдиҳӣ ва такмили ихтисоси ӯ вобаста аст. Касби омӯзгорӣ аз муаллим такмили ҳамешагии донишҳо, маҳорату малакаи амалии ӯро тақозо мекунад.

Тадқиқот ва мушоҳидаҳои педагогӣ нишон додаанд, ки бештари омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ ба такмили дониши худ диққати ҷиддӣ намедиҳанд, ба имконоти фаъолияти худ баҳои нокифоя медиҳанд. Дар ин ҳолат тартиби такмили ихтисосе, ки ҳамчун омили асосиву анъанавии омодагии касбии омӯзгори синфҳои ибтидоӣ баромад менамояд, аҳамияти бузурге дорад.

Мубрамияти мавзӯи рисолаи Каримӣ Ш.А. дар аввалиндараҷа будани муаммои такмили ихтисоси омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ ба шумор меравад. Ин муаммо дар назди олимон ва муассисаҳои таълимӣ вазифаи бозингарии роҳҳои ташаккул додани маҳорату малакаҳои касбии омӯзгоронро дар ҷомеаи зудтағйирёбанда мегузорад. Салоҳияти касбии омӯзгорон рӯз аз рӯз ба марҳилаҳои наву бисёрҷабҳа дучор омада

истодааст. Аз ӯҳдаи иҷрои ин амал танҳо он омӯзгорон ва он коллективҳои педагогие баромада метавонанд, ки дорои малакаҳои тахассусӣ ва худинкишофдиҳӣ бошанду баҳри ташаккули шавқу ангезаи такмили ихтисоси худ кӯшиш намуда бошанд. Дар баробари ин коркарди нокифояи назариявию амалии масъалаи таҳқиқот мубрамияти онро собит менамояд.

Мавзӯи таҳқиқоти илмии Каримӣ Ш.А. як қисмати муҳими нақшаи дурнамои илмӣ-тадқиқотии кафедраи педагогикаи иҷтимоӣ ва касбии Муассисаи давлатии таълимии "Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров" буда, дар Шурои ҳамоҳангсозии таҳқиқотҳои илмӣ дар соҳаи илмҳои педагогии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайд гирифта шудааст.

Кори диссертатсионӣ мустақилона, дар заминаи омӯзиш ва таҳлили амиқи асарҳои фалсафӣ, равоншиносӣ, педагогӣ ва инчунин таҳқиқи ҳамаҷониба ва ҷамъбасти таҷрибаи педагогии такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф таҳия гардидааст.

Дар диссертатсия асосҳои методологӣ ва назарии муаммои таҳқиқот муайян карда шудаанд; амсилаи педагогии ташаккули муносибати ангезандагӣ ба такмили ихтисоси омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ, ғояҳои таълимии файласуфон, "Стандарти давлатии таҳсилоти Ҷумҳурии Тоҷикистон", "Консепсияи мактаби миллӣ", Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи маориф", "Стратегияи миллии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030", "Барномаи давлатии рушди системаи такмили ихтисос ва бозомӯзии касбии кормандони соҳаи маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2018-2022", Қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳуҷҷатҳои расмӣ, нақша, барнома ва дастурҳои таълимӣ асоснок карда шудааст.

Аҳамияти амалии таҳқиқот дар он ифода ёфтааст, ки натиҷаву хулосаҳои асосии он барои тартиб додани барномаҳои таълимӣ ва тавсияҳои методӣ, барои такмили мундариҷаи таълим ва таҳияи

тадбирҳои технологӣ ва маъмурӣ, ки ба рушди усули ангезандагӣ равона карда шудаанд, таҳия карда шудаанд. Инчунин, барои Донишкадаҳои такмили ихтисос ва бозомӯзӣ курси лексияҳо оид ба педагогика ва дидактика дар низоми такмили ихтисоси омӯзгорон омода карда шудааст, метавонанд истифода шаванд.

Нуктаҳои асосии рисола, натиҷаҳои тадқиқот ва тавсияҳои пешниҳодгардида ба ягонагии принсипҳои методологӣ ва педагогии таҳқиқот, раванди ташаккули ангезандагии омӯзгорон дар роҳи демократикунонӣ ва гуманизатсияи такмили ихтисоси омӯзгорон, равшану возеҳ будани фарзия (асоснокии он, дастрасӣ) асос меёбанд.

Таҳқиқоти ҳамаҷониба, ки аз пажӯҳишгар муайян намудани хусусиятҳои сифатӣ ва миқдории низоми педагогиро тақозо менамояд, ба муаллифи рисола имкон додааст, ки фарзияи пешниҳодшударо бо эҳтимолияти қавӣ тасдиқ намуда, нуктаҳои асосии рисола, натиҷаҳои таҳқиқотро ба таври илмӣ асоснок кунад. Дар бобати муайян сохтани муносибати ангезандагӣ ба такмили ихтисоси омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ дар низоми муосири маориф, ки иборат аз интихоби супоришҳои махсус, маводи озмоишӣ-таҷрибавии натиҷаи оморӣ дошта, хулосаҳои бадастомада аз таҷрибаи фаъолияти омӯзгорӣ мебошад, шаҳодат медиҳад.

Боэътимодӣ ва асоснокии натиҷаҳои тадқиқот, хулосаҳо ва тавсияҳои дар рисола пешниҳодгардида бо консепсияи илмии педагогӣ, усулҳои назарӣ ва эмпирии таҳқиқот, инчунин таҳлили шартҳо ва натиҷаҳои корҳои озмоишӣ-таҷрибавӣ, тасдиқи нуктаҳои дар фарзияи тадқиқот пешниҳод гардида, истифодаи усулҳои таҳқиқоти илмии ба вазифаҳои марҳалаҳои асосии тадқиқот мутобиқ ва таҷрибаи амалии муаллиф таъмин гардидааст.

*Навоварии илмии таҳқиқот дар нуктаҳои зерин ифода ёфтаанд:*

- амсилаи педагогии ташаккули муносибати ангезандагӣ ба такмили ихтисоси омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ дар низоми муосири маориф коркард шудааст;

-шароитҳои психологӣ-педагогӣ ва таълимии ташаккули муносибати ангезандагӣ ба такмили ихтисоси омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ дар низоми муосири маориф асоснок шудаанд;

-озмоиши таҷрибавӣ-санҷишии технологияи ташаккули муносибати ангезандагӣ ба такмили ихтисоси омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ дар низоми муосири маориф гузаронида шудааст.

-меъёрҳо, нишондиҳандаҳо ва сатҳи ташаккули муносибати ангезандагӣ ба такмили ихтисоси омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ дар низоми муосири маориф тавсиф ва асоснок гардидаанд.

*Асосҳои назариявӣ ва методологии кори диссертатсионӣ* дар такя ба консепсияву назарияҳои фалсафӣ ва вазифаҳои фаъолияти педагогӣ (В.В.Богословская, А.Д.Боборикин, Н.В.Кузмина), сифати шахсии омӯзгор (Н.А.Аминова, Б.Г.Ананева, А.Б.Орлова, М.Лутфуллоев, Ф.Шарифзода, И.Х.Каримова ва диг.), меъёрҳои психологии таҳлили шахсият ва маҳорати касбӣ (А.К.Маркова, В.П.Симонова, Каримова И.Х.), нуқтаҳои асосии психологияи педагогӣ ва синнусолӣ (Д.Б. Элконин, Л.И.Божович, В.С.Мухина), ҷиҳатҳои омодагии омӯзгор ба фаъолияти инноватсионии таълим (Л.С.Подимова, В.А.Сластенин, А.В.Лоренсова, Ф.Ф.Шарипов, А.Р.Мирзоев) мураттаб гардидааст.

*Аҳамияти назарии кори диссертатсионӣ* дар он зоҳир меёбад, ки дар ғанӣ гардидани назария ва амалияи ташаккули муносибати ангезандагӣ ба такмили ихтисоси омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ бо донишҳои муосири илмии асосҳои назариявӣ-методологии ин муаммо; муназзам намудани ҷузъҳои мундариҷавӣ, методӣ ва протсессуалии раванди мазкур; аз ҷиҳати назариявӣ асоснок намудан ва тарҳрезии амсила, муайян кардани имконияти педагогии ташаккули муносибати ангезандагӣ ба такмили ихтисоси омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ ; дар

муайян кардани маҷмӯи воситаҳои меъёрӣ-ташхисӣ барои мониторинги раванди мазкур ифода меёбад.

*Аҳамияти амалии таҳқиқоти диссертатсионӣ* дар он аст, ки бахри такомули муносибати ангезандагӣ ба такмили ихтисоси омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ маводи ташхисӣ, барномаи таълимӣ ва тавсияҳои методӣ, барои такмили мундариҷаи таълим ва таҳияи тадбирҳои технологӣ ва инкишофдиҳӣ, ки ба рушди усули ангезандагӣ равона карда шудаанд, таҳия карда шудаанд. Ба ғайр аз ин, барои Донишкадаҳои такмили ихтисос ва бозомӯзӣ курси лексияҳо оид ба педагогика, махсусан, қисмати дидактика дар низоми такмили ихтисоси омӯзгорон таҳия карда шудааст. Натиҷаҳои таҳқиқот ба омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ, кормандони соҳаи маориф кӯмаки амалӣ мерасонад, зеро дар раванди таълим ин масъала муносибати ҷиддӣ талаб мекунад.

*Саҳми шахсии муаллифи рисола Каримӣ Ш.А.* дар таҳқиқи мавзӯи мазкур дар иштирок кардани ӯ дар тамоми марҳалаҳои таҳқиқот: банақшагирӣ, интихоб ва асоснок намудани мавзӯъ, таҳияи сохтори диссертатсия, муайян кардани ҳадаф, вазифаҳо, объект ва предмети таҳқиқот, ҷустуҷӯй ва дарёфти адабиёти зарурӣ оид ба мавзӯи таҳқиқот, ҷамъоварӣ ва муназзам намудани маълумоти озмоишӣ ва коркарди онҳо, таҳлили натиҷаҳои коркарди маълумоти озмоишӣ, омода ва интишор кардани мақолаҳои илмӣ, иштирок дар ҳамоишҳои илмӣ, ҷамъбасти натиҷаҳои таҳқиқот ва навиштани диссертатсия инъикос меёбад.

Мундариҷаи таҳқиқоти диссертатсионӣ ба шаҳодатномаи ихтисоси 13.00.08- Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ 13.00.08.04-(Назария ва методикаи фанҳои гуманитарӣ) мутобиқ аст.

Тавсияҳои илмии дар рисола пешниҳод гардида метавонанд ба омӯзгорони макотиби олӣ барои такмили мазмун ва мундариҷаи омодагии касбии омӯзгорони оянда кӯмаки амалӣ расонанд.

Натиҷаҳои тадқиқот ва нуктаҳои асосии рисола дар семинарҳои илмӣ-назариявии кафедраи педагогикаи иҷтимоӣ ва касбӣ, конференсияҳои анъанавии ҳамасолаи устодони филиали муассисаи давлатии “Донишкадаи ҷумҳуриявии такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф” дар вилояти Суғд, дар конференсияҳои илмӣ-назарии ҷумҳуриявию вилоятӣ ироа гардидаанд.

Мақолаҳои илмӣ ва илмӣ-методии нашршудаи муаллиф мундариҷаи асосии рисолаи илмиро инъикос мекунанд.

Матлабҳои асосӣ, натиҷаҳо ва хулосаҳои тадқиқот дар 20 мақолаҳои муаллиф, аз ҷумла дар 4 мақолахои илмии дар нашрияҳои бонуфузи тақризии КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр шуда, инъикос ёфтаанд.

**ҚАРОР КАРДА ШУД:**

Кори диссертатсионии Каримӣ Шаҳноз Аъзамҷон дар мавзуи “Муносибати ангезандагӣ ба такмили ихтисоси омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ дар низоми муосири маорифи Ҷумхурии Тоҷикистон” рисолаи ба анҷом расидаи тахассусӣ буда, дар сатҳи зарурии илмӣ-назариявӣ омода шудааст ва ба талаботу меъёрҳои Низомномаи “Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвонҳои илмӣ”, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021 таҳти №267 тасдик шудааст, комилан ҷавобгӯй мебошад.

Кори диссертатсионии Каримӣ Шаҳноз Аъзамҷон дар мавзуи “Муносибати ангезандагӣ ба такмили ихтисоси омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ дар низоми муосири маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.08- Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ (13.00.08.04-Назария ва методикаи фанҳои гуманитарӣ) барои ҳимоя ба шурои диссертатсионии 6D.КОА-046 пешниҳод карда мешавад.

Хулосаи мазкур аз тарафи номзади илмҳои педагогӣ, дотсент Рахмонов Зикриё Пулодович тартиб дода шуда, дар ҷаласаи кафедраи

педагогикаи иҷтимоӣ ва касбии Муассисаи давлатии таълимии “Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров” муҳокима ва қабул шудааст.

Дар ҷаласа 19 нафар иштирок доштанд. Натиҷаи овоздиҳӣ: “тарафдор” –19 нафар, “муқобил” – нест, “бетараф” – нест. Қарор бо як овоз қабул шуд. (суратҷаласаи №1 аз 31 августи соли 2023).

Ташхисгар, номзади илмҳои
педагогӣ, дотсент Раҳмонов Зикриё Пӯлодович

Мудири кафедраи педагогикаи иҷтимоӣ
ва касбии Муассисаи давлатии таълимии
“Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи
академик Бобоҷон Ғафуров”, номзади
илмҳои педагогӣ
почтаи элек.:
Shoirahon.valizoda@mail.ru Вализода Шоирахон

Котиби ҷаласа Ғафорова Сурайё

31 августи соли 2023.

**Маълумот барои тамос:** 735700 Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Хуҷанд, к.Мавлонбеков- 1.тел.(+992)927233378.
вебсайт: www.hgu.tj

*Имзои З.П.Раҳмонов, Ш.Вализода*
*ва С.Ғафороваро тасдиқ мекунам.*
*Сардори РК ва КМ МДТ «ДДХ*
*ба номи академик Бобоҷон Ғафуров»* *Наврузов Э.М.*